## МУБОРИЗИ ГУМНОМ

Яке аз он ҳама ҷавони далер,
Ки дар он шаб ба зидди шоҳ шиор,
Менавиштанд бар дару девор,
Писаре буд нуздаҳсола.
Писари қадбаланду хушҳайкал,
Чашмаш аз зери абрувони ғафс,
Ҳамчу хуршед дар паси ҷангал,
Медурахшиду нур мепошид.
Чеҳрааш дардноку хашмолуд,
Оре, ӯ аз ҷануби Теҳрон буд,
Ба гумонам, ки мешиноседаш...

* * *

Ҳама имрӯз хуб медонанд
Қиссаи пойтахти Эронро,
Қиссаи пурғаму ду Теҳронро.
Ҷои «як бому ду ҳаво» ин ҷост,
Шаҳри сармоя, маркази фуқарост.
Он шаб аз кунҷи кӯчаҳои ҷануб,
Он писар в-он гурусна, он бекор,
Бо тани захму пои обиладор

Рафт оҳиста пои як девор,
Рӯи он бо хати дурушт навишт:—
«Марг бар шоҳ, марг бар дарбор!
Зиндаву барқарор ҷумҳурӣ!
Янки, аз хоки мо бирав берун!»

* * *

Ногаҳ аз дур дар сиёҳии шаб
Барқ зад ~~ба садои ғазаб~~,
Шарар афканд бар вуҷуди писар,
Хун фурӯ рехт з-он сару пайкар,
Сӯхт он қалби ғарқи эҳсосот,
Гашт хомӯш шӯълае зи ҳаёт,
Як ҷаҳон орзӯ ба хок афтод!

Хандае нақш зад ба рӯи полис,
Рафт в-он шаб зи дасти як иблис
Қард дарьёфт рутбаву инъом!
В-он писар, в-он муборизи гумном,
Дод ҷонро барои озодӣ,
Рафт, то насли фотеҳи фардо,
Бар сари хоки ӯ барад гулҳо.

## ДОРОТТИ

Доротти—он зани амрикой,
Зани заҳматкаши ҷӯяндаи кор,
Модари Генреву Ҷек,
Он ки дар кофтани луқмаи нон,
ба лабаш омада ҷон.

Хати ёқутии эълонеро
Хонд бодиққату рӯяш бишкуфт,
Чашмаш аз шавқ дурахшон шуду гуфт:—
«Оҳ озод шудам аз ғаму ранҷ,
Дорам имрӯз ду ганҷ.
Ин ду дарьёча—ду чашм,
Мефурӯшам ба даҳ ҳазор доллар...»
Боз он модари зор,
Он хати хунин хонд.
Хонду дар фикр фурӯ рафту нишаст.
Чашмҳояшро баст.
Ногаҳон дар назараш шуд дару девор сиёҳ.
Тирагун кӯчаву роҳ.
Дид дар соя зани ғамзадаву нобино,
Хам шуда рӯи асо.
Меравад чун шабаҳе дар дили торикиҳо
Ҳама ҷо ваҳшатзо!
Ҳама ҷо тиpаву тор.

Рафт оҳиста пои як девор,
Рӯи он бо хати дурушт навишт:—
«Марг бар шоҳ, марг бар дарбор!
Зиндаву барқарор ҷамҳурӣ!
Янки, аз хоки мо бирав берун!»

* * *

Ногаҳ аз дур дар сиёҳии шаб
Барқ зад ~~бо садои ғазаб~~,
Шарар афканд бар вуҷуди писар,
Хун фурӯ рехт з-он сару пайкар,
Сӯхт он қалби ғарқи эҳсосот,
Гашт хомӯш шӯълае зи ҳаёт,
Як ҷаҳон орзӯ ба хок афтод!

Хандае нақш зад ба рӯи полис,
Рафт в-он шаб зи дасти як иблис
Қард дарьёфт рутбаву инъом!
В-он писар, в-он мубориз гумном,
Дод ҷонро барои озодӣ,
Рафт, то насли фотеҳи фардо,
Бар сари хоки ӯ барад гулҳо.